

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№39 (4935)

ПАНҶШАНБЕ, 27 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




# НАВРӮЗ ҶАШНИ БУЗУРГИ МИЛЛӢ ВА ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ АҶДОДИСТ

**Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз**

**20-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Фарорасии Ҷашни Наврӯзи байналмилалиро ба ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям. Орзумандам, ки рӯзу рӯзгоратон аз файзу баракати ин ҷашни зебои табиат ҳамеша пур аз шодиву нишот бошад.

Наврӯз ҷашни бузурги миллии мо – тоҷикон ва оғози соли нави аҷдодӣ аст, ки ба пешвози фарорасии он табиат ва тамоми мавҷудоти олам эҳё мешавад ва дар ҷону руҳи инсонҳо умед ба зиндагӣ ва дӯст доштани он дигарбора зинда мегардад. Яъне, Наврӯз айёми гузариш ба фасли нави зиндагӣ, пирӯзии гармӣ бар сардӣ, ҷашни равшанӣ ва нур, дӯстиву муҳаббат, шодиву хурсандии ҳамагонӣ ва шукуфтани орзуҳо мебошад.

Аҷдоди фарҳангиву тамаддунсози мо тавонистаанд, ки ҷашни Наврӯз ва расму оинҳои онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ карда, то ба рӯзгори мо расонанд.

Наврӯз, ки решаҳои он аз суннатҳои фарҳангии ниёгони мо сарчашма мегиранд, рамзи эҳтиром ба табиат, арҷгузорӣ ба арзишҳои инсондӯстона ва қаробату ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.

Ин ҷашни зебои табиӣ дар раванди рушди таърихӣ бо ҳикмату фалсафаи инсонпарваронааш ба тамаддуну фарҳангҳои дигар таъсири амиқ расонида, аз ҷониби халқу миллатҳо тадриҷан пазируфта шудааст. Яке аз омилҳои ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз маҳз аз ҳамин иборат аст.

Бояд гуфт, ки маҳз унсурҳои неку писандидаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Наврӯз ва ҳамоҳангӣ бо табиат инсонҳоро ба ҳам меоваранд, муттаҳиду муттафиқ месозанд, муносибати байни онҳо ва вазъи руҳии онҳоро дар ҳоли эътидолу оромӣ ва шодиву сурур нигоҳ медоранд. Зеро ҳамаи оинҳои наврӯзӣ дорои аҳамияти инсондӯстона, ҳикмати рӯзгор ва ташвиқи ҳаёти орому осоиштаи аҳли башар мебошанд.

Маҳз расму оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз ва дигар ҷашнҳои ориёӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргон, ки дар кишвари мо аз баракати соҳибистиқлолӣ эҳё гардидаанд, омили пойдориву мондагории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва илмиву адабии мардуми ориёитабор дар саҳифаҳои таърих мебошанд. Бинобар ин, ҳар як фарди ватандӯст ва бонангу номус дар ҳифзи ин суннату анъанаҳо ва баргузории шоистаи ҷашнҳои бостонии мардумӣ бояд саҳмгузор бошад.

Наврӯз дар Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон на танҳо ҳамчун ҷашни фарҳангиву мардумӣ, балки ба сифати суннати муҳими эҳёи табиат ва талош барои фаровонӣ азизу гиромӣ дониста мешавад. Яъне, Наврӯз ҷашни пайванди инсон бо табиат буда, одамонро ба амалҳои созандаву ободгарона талқин мекунад ва ба онҳо илҳому неру мебахшад.

Ин аст, ки мардуми заҳматпешаи мо баъд аз ҷашни Сада ва дар арафаи Наврӯз, тибқи анъанаи гузаштагонамон, омодагиро ба корҳои бунёдкорӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва ниҳолшинонӣ, вусъат мебахшанд. Доир ба ин масъала, ман зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» гуфта будам, ки дар доираи иҷрои «Барномаи кабудизоркунии табиати кишвар то соли 2040» бояд зиёда аз ду миллиард бех ниҳол шинонида шавад.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва мардуми покниҳоду фарҳангпарвари он меросбари ҳақиқии ин ҷашни оламгир эътироф шудаанд, зеро тамоми суннату оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз маҳз дар сарзамини аҷдодии мо ва дар тамоми қаламрави кишвари биҳиштосоямон поку беолоиш ҳифз гардидаанд. Яъне, Тоҷикистони маҳбуби мо, воқеан, Ватани аслии Наврӯз аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз**

**21-уми марти соли 2025, ш. Душанбе**



**Ҳамватанони азиз!**

**Сокинони фарҳангдӯсти пойтахт!**

Дар ин рӯзҳои зебои баҳорӣ ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии Наврӯзи оламафрӯз самимона табрик менамоям.

Наврӯз бузургтарин ва куҳантарин оини ниёгони соҳибфарҳанги мо буда, дар давоми беш аз шаш ҳазор сол ҳамчун рамзи оғози сол, айёми баробаршавии шабу рӯз ва эҳёи табиат ҷашн гирифта мешавад.

Расму оинҳои наврӯзӣ дар худ падидаҳои волои инсондӯстию покизасириштиро таҷассум менамоянд, ки барои шинохти ҳувияти миллӣ ва ташаккули фарҳанги ахлоқии ҷомеаи башарӣ мусоидат мекунанд.

Дар рӯзҳои наврӯзӣ мардуми мо анъанаҳои неки инсондӯстиро, аз қабили аёдати ятимону маъюбон, падару модарон ва хайру саховат ба шахсони ниёзмандро, анҷом медиҳанд.

Барои мо - тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз боиси ифтихори бузург аст, ки ин ҷашни бостонӣ ба Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳанги ҷаҳонӣ шомил гардида, аз соли 2010 инҷониб ҳамчун иди байналмилалӣ дар ҳамаи кишварҳои дунё ҷашн гирифта мешавад.

Ҷаҳонӣ гардидани Наврӯз моро водор месозад, ки суннатҳои ахлоқиву маънавӣ ва хусусиятҳои пурарзиши ин ҷашни бузурги миллиро, ки хоси мардуми тоҷик аст, бештар риоя ва ҳифз карда, ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намоем.

Бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба тамоми сокинони кишвар, кулли тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик гуфта, орзуи онро дорам, ки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ҷовидон бошад.

**Ҷашни фархундаи Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд**

Бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз ва дар асоси принсипи инсондӯстӣ, мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҷазои 897 шахсе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, тибқи рӯйхати замимагардида бахшида шуда, онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 20 марти соли 2025, №1009**

# ТАВЗЕҲОТ

## ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд»

**Дар асоси принсипҳои башардӯстӣ, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд», дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз ҷазои 897 нафар маҳкумшудагон бахшида шуда, онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешаванд.**

Фармони мазкур нисбати маҳкумшудагоне татбиқ мегардад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин аз озодӣ маҳрум карда шуда, дар муассисаҳои ислоҳӣ адои ҷазо менамоянд.

**www.prezident.tj**

# БАРҚИЯҲОИ ТАБРИКӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ

**Дар иртибот ба фарорасии Ҷашни байналмилалии Наврӯз аз номи сарони як қатор давлатҳо ва роҳбарони ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ ба унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии Ҷашни байналмилалии Наврӯз паём ва барқияҳои шодбошӣ ворид мегарданд. Дар онҳо аз ҷумла, омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**



Самимонатарин табрикоти инҷонибро ба муносибати ҷашни навбаҳорӣ - Наврӯз лутфан бипазиред.

Муносибатҳои Россияву Тоҷикистон дар руҳияи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ бомуваффақият рушд карда истодаанд. Итминон дорам, ки мо бо талошҳои муштарак минбаъд ҳам робитаҳои дуҷонибаи мутаносибан муфидро бар нафъи мардумони ба ҳам дӯсти мо ва мутобиқ ба манфиатҳои таҳкими амният ва субот дар Осиёи Марказӣ ба таври фаъол ва афзоянда тақвият хоҳем бахшид.

Дар ин рӯзҳои фирӯзи ҷашнӣ аз самими қалб ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом ва комёбиҳо, ба тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон саодатмандӣ ва шукуфоӣ орзу менамоям».

***Владимир Путин, Президенти Федератсияи Россия***

* * *

**«Муҳтарам ҷаноби Президент,**

**Ҷаноби Олӣ,**

Барои табрикотатон ба муносибати Соли нави аз рӯи тақвими чинӣ миннатдории самимӣ баён мекунам. Иҷозат фармоед ба муносибати иди анъанавии Тоҷикистон - Наврӯз аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва мардуми Чин Шумо ва мардуми Тоҷикистонро самимона табрик намоям.



Моҳи июли соли гузашта ман ба Тоҷикистон сафари давлатӣ доштам, ки зимни он бо Шумо суҳбати самимӣ ва дӯстона анҷом дода, оид ба равобити Чину Тоҷикистон ва ҳамкории дуҷониба дар бахшҳои гуногун тавофуқоти муҳим ба даст овардем ва рушди муносибатҳои Чину Тоҷикистонро дар доираи ҳамкории ҳамаҷониба ва шарикии стратегӣ дар давраи нав эълон намудем. Хушҳолам, ки тавофуқоти бадастомадаи миёни мо боиси натиҷаҳои мушаххас дар ҳамкорӣ гардиданд, ки барои мусоидат ба рушду эҳёи Чину Тоҷикистон ба нафъи мардумони ҳар ду кишвар муфид мебошанд.

Ман ба рушди муносибатҳои Чину Тоҷикистон аҳамияти хоса зоҳир менамоям, дӯстии қавӣ бо Шуморо қадр мекунам ва омодаам, ки якҷо бо Шумо барои ноил шудан ба натиҷаҳои нав дар самти бунёди Ҷомеаи сарнавишти муштараки Чину Тоҷикистон саъю кӯшиш анҷом диҳам.

Ба Шумо саломатии бардавом ва дар фаъолияти муҳиму пурмасъули давлатиатон комёбиҳои бузург ва ба мардуми дӯсти Тоҷикистон хушбахтӣ ва некуаҳволӣ орзу дорам!».

***Си Ҷинпин, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин***

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



# ҲАМОИШИ ИДОНА БА ИФТИХОРИ НАВРӮЗ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**20-уми марти соли 2025 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз ҳамоиши идона баргузор гардид.**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҳамоишро ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки барои ҷаҳонишавии Наврӯз саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург мебошад. Бо талошҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат 30-юми сентябри соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи ёдгории фарҳанги башарият дохил карда шуд ва 19-уми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-ум аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ Рӯзи байналмиллалии Наврӯз эълон шуд, ки дар саросари ҷаҳон бо як шаҳомат таҷлил мегардад.

Таъкид гардид, ки Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимаи мардуми ориёитабор буда, аз қадимулайём дар қатори дигар идҳои мардуми тоҷик, аз ҷумла Меҳргон, Сада ва Тиргон, бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешуд. Мафҳуми Наврӯз калимаи сирф тоҷикӣ буда, маънояш рӯзи нав, тоза, рӯзи нахустин ва оғози соли нав аст.

Дар назди иштирокчиёни ҳамоиш, ҳамчунин, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Муҷибахон Ҷавҳарӣ, оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Илҳом Камолзода, вакилони Маҷлиси намояндагон Фирӯз Ҳақназарзода, Шарифҷон Ҳакимзода, Фарзона Хоҷазода ва сардори раёсати тарҷума, таҳрир ва нашри Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Камол Қурбониён бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво ва табрикномаҳо суханронӣ намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**

**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# АСАД МАҶИД ХОН ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**25-уми марти соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ Асад Маҷид Хонро ба ҳузур пазируфтанд.**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «Тоҷикистон узви фаъоли Созмони ҳамкории иқтисодӣ мебошад ва тавсеаи ҳамкории гуногунҷанбаи судманд бо кишварҳои аъзои он мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи мо қарор дорад».

Дар ҷараёни суҳбат масъалаҳои густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия, энергетика, саноат ва кишоварзӣ дар чорчӯби Созмони ҳамкории иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни табодули афкор оид ба татбиқи самараноки стратегияи «Чашмандоз-2025» ва таҳияи стратегияи таъмини устувории энергетикии минтақа ба истифодаи рӯзафзуни энергияи тоҷдидшаванда, рушди иқтисоди «сабз», масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиши офатҳои табиӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, сайёҳӣ ва арсаҳои гуногуни гуманитариву фарҳангӣ, бахусус илму маориф низ аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

# НАВРӮЗ ҶАШНИ БУЗУРГИ МИЛЛӢ ВА ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ АҶДОДИСТ

## Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз

**20-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳоло таъкид менамоям, ки маҳз айёми Наврӯз – замони эҳё гардидани табиат барои татбиқи ин ҳадафи бузург фурсати бисёр муҳим мебошад. Яъне, ҳамаи моро зарур аст, ки рӯзҳои мусоиди баҳорро ҷиҳати ободу зебо ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвари биҳиштосоямон самаранок истифода барем.

Ҳамватанони мо хуб медонанд, ки солҳои охир бар асари мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, вазъи ҷаҳон торафт мураккабу буҳронӣ гардида, амнияти озуқаворӣ кишварҳоро таҳти хатари ҷиддӣ қарор дода истодааст.

Чунин шароит моро водор месозад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хоса дода, барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ беш аз пеш кӯшиш намоем ва тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба ин самт равона созем. Аз ин рӯ, кишоварзони мамлакат ва ҳамаи онҳое, ки дар ихтиёри худ як порча замин доранд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода карда, гирифтани се-чор ҳосилро таъмин намоянд ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро афзоиш диҳанд. Ҳар як оилае, ки соҳиби замини президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошад, бояд ҳар ваҷаби онро барои таъмини оилаи худ бо озуқаворӣ ва захираи моводи ғизоӣ самаранок истифода намояд.

Мардуми азизи Тоҷикистон тибқи суннатҳои неки Наврӯзи аҷдодӣ ба истиқболи ин ҷашни фархунда макони зисту ашёи рӯзгор ва сарулибоси худро тозаву озода ва нав мекунанд, кинаву адоватро аз қалби худ пок месозанд ва ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду пурмеҳр табрик мегӯянд.

Ҳамдиёрони мо дар ин айём, ҳамчунин, амалҳои хайру савоб, аз ҷумла кумаку дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзмандонро анҷом медиҳанд.

Моро зарур аст, ки бо Наврӯзи аҷдодиамон, ки ҷашни байналмилалӣ эълон гардидааст, ифтихор намоем, онро азизу гиромӣ дорем. Зеро ҷашни Наврӯз барои мо рамзи ваҳдати миллӣ ва дӯстиву муҳаббат буда, дирӯзу имрӯз ва фардои мо - мардуми ориёитаборро ба ҳам мепайвандад.

Бовар дорам, ки Наврӯзи оламафрӯз ва Соли нави аҷдодӣ бо қадамҳои некаш ба хонадони мардуми бонангу номус ва фарҳангдӯсту сулҳпарвари тоҷик саломативу хушҳолӣ ва фатҳу кушоишҳои нав меоварад.

Мо бояд ҳар рӯзи баҳорро барои ниҳолшинонӣ, тозаву озода кардани ҳар як хонаву кошона ва сарсабзу хуррам гардонидани маҳали зисти худ, созандагиву ободонии Ватани азизамон ва заҳмати аҳлонаи хурду бузурги кишвар истифода барем.

Мо сарзамини аҷдодиамонро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо дастони худамон обод месозем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта мегардонем, коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд мекунем ва барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё менамоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки мардуми мо ҳама гуна ҷашну хурсандӣ, хусусан, Наврӯзро бо хонаи тозаву озода, зоҳири зебову ороста ва ботини поку беолоиш истиқбол мегиранд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки тоҷикон дар байни мардумони ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта ва эътироф шудаанд.

Мо бояд номи неки миллати фарҳангиро бо одоби баланди инсонӣ ва маданияти либоспӯшӣ дар ҳама ҷо, бахусус, ҳангоми ба пойтахт омадан ва сафар ба кишварҳои дигар пос дорем.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки айёми Наврӯз беҳтарин фурсат барои баргузории ҳар гуна ҳамоишу озмунҳо ҷиҳати таблиғу муаррифии либосҳо ва таомҳои миллӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки дар байни мардуми мо забҳи чорво барои гузаронидани чорабиниҳои наврӯзӣ роиҷ нест. Ин ҷашнро гузаштагони мо бо омода кардани таомҳои миллӣ аз гиёҳҳои шифобахши диёри биҳиштосоямон ва бо риояи қоидаҳои сарфаю сариштакорӣ баргузор менамуданд.

Дар ин раванд, мо бояд ба тарбияи фарзандон аз хурдсолӣ ва ба камол расонидани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи асри пешрафти илму техника ва технологияҳо диққати аввалиндараҷа диҳем.

Бо итминон ба ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстии мардуми сарбаланди кишвар изҳор менамоям, ки дар рӯзҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва минбаъд низ мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти содиқона Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар ҷаҳон баландтар мебардорем.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми азизи Тоҷикистонро ба ифтихори Ҷашни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзӣ саломатӣ, хонаи обод, бахту иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак бод, ҳамватанони азиз!**

# БАРҚИЯҲОИ ТАБРИКӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ

**(Идома аз саҳ. 1)**

* * *

**«Муҳтарам Ҷаноби Президент,**

Аз номи мардуми Амрико ба Шумо ва мардуми Тоҷикистон Наврӯзи пурфайзро таманно дорам. Ин ҷашни сулҳ, шукуфоӣ ва навсозиҳо барои ҳамагон мебошад.

Ман, инчунин, Шуморо бо делимитатсияи сарҳад бо Ҷумҳурии Қирғизистон табрик мегӯям. Ин муваффақияти азимест, ки ба ҳар ду кишвар манфиати калони иқтисодӣ ва амниятӣ меоварад. Мардуми Амрико ин созишномаи муҳимро, ки барои ҳамагон сулҳу осоиш меоварад, кафкӯбӣ менамояд.



Ман ҳамкориҳоямонро дар бисёр масъалаҳо қадрдонӣ мекунам ва умед дорам, ки минбаъд ҳам барои таҳкими амнияти ҳар ду давлати бузургамон якҷоя кор хоҳем кард.

Чун кишварҳоямон ба сӯи ояндаи сарватмандтар ва беҳтар пеш меравему, Иёлоти Муттаҳида ҳамчунон ҷонибдори содиқи соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон боқӣ мемонад».

***Доналд Ҷ. Трамп, Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович! Бародари азиз!**



Сидқан шодам, ки Шумо, Ҷаноби Олӣ ва мардуми дӯсти Тоҷикистонро ба муносибати ҷашни дарпешистодаи бедоршавӣ ва эҳёи баҳор, Соли нави шарқӣ - Наврӯз, ки барои халқҳои мо бениҳоят арзишманд аст, табрик мегӯям.

Мардумони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ин ҷашни бостониро, ки дар тӯли асрҳо арзишҳо ва анъанаҳои зиндагии моро таҷассум мекунад, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти маънавӣ, ифодаи некӣ ва рамзи муосирият пешвоз мегиранд.

Ҷашни Наврӯз барои таҳкими усулҳои дӯстии абадӣ, ҳамсоягии нек ва ризоияти мутаносибаи байни халқҳои мо, ки бо риштаҳои муштараки чандинасра пайванданд, аҳамияти хоса дорад.

Итминон дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак ва муколамаи сатҳи олӣ шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонии мо дар руҳияи эътимод ва дастгирии ҳамдигар минбаъд низ босамар рушд меёбанд.

Дар ин рӯзҳои фараҳманду фирӯз ба Шумо саломатии бардавом, саодати оилавӣ ва дар фаъолияти пурмасъулиятон комёбиҳои нав, инчунин, ба мардуми дӯсти Тоҷикистон сулҳу субот ва рушди устувор орзумандам».

***Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**



Аз номи мардуми Қирғизистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо фарорасии иди Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Ин ҷашни фархундаю фараҳбахш рамзи эҳёи баҳории табиат, ваҳдату ризоият ва сулҳу шукуфоӣ мебошад. Он анъанаҳои чандинасраи дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни ҳалқҳоямонро таҷассум карда, моро бо риштаҳои бародарона ва таърихи муштарак муттаҳид менамояд.

Итминон дорам, ки ҳамкории кишварҳои мо дар ҳама сатҳҳо, ки бар эътимоди ҳамдигарӣ, дӯстӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ асос ёфтааст, минбаъд низ ба нафъи ояндаи дурахшони халқҳоямон идома хоҳад ёфт.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом ва дар фаъолияти давлатиатон муваффақият, инчунин, ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу шукуфоӣ орзумандам».

***Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Шумо ва мардуми бародари Тоҷикистонро бо иди Наврӯз аз самими қалб табрик мегӯям!

Ин иди фирӯз, ки кишварҳои моро бо анъанаҳои чандинасраи дӯстии воқеӣ ва эҳтироми ҳамдигар мепайвандад, рамзи эҳёи табиат мебошад. Бигзор дар ин рӯзи бузург ваҳдати халқҳоямон афзун шавад ва шодию хурсандии онҳо дучанд гардад.

Бовар дорам, ки арзишҳои меросии Наврӯз ба рушди минбаъдаи муносибатҳои байнидавлатии мо, ки ба некуаҳволии халқҳоямон ва расидан ба ҳадафҳои олӣ нигаронида шудаанд, мусоидат менамояд.



Дар ин рӯзҳои фараҳбахш ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом ва неруи бепоён, ба хонаводаатон хушбахтӣ ва ба мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволӣ ва шукуфоӣ орзу дорам».

***Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**



Шуморо бо иди бузурги баҳор - Наврӯз табрик мегӯям!

Бигзор ин иди баҳор дӯстӣ ва ваҳдати халқҳои моро таҳким бахшида, ба ҳар хонадон шодиву фаровонӣ орад. Бигзор Наврӯз, ки бар арзишҳо ва анъанаҳои муштараки мо асос ёфтааст, ба кишварҳоямон некиву шукуфоӣ оварад.

Дар ин рӯзи фархунда, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, ба Шумо саломатии бардавом, ба аҳли оилаатон некуаҳволӣ ва ба мардуми бародари Тоҷикистон шукуфоӣ ва суботро хоҳонам».

***Нурсултон Назарбоев, Президенти якуми Ҷумҳурии Қазоқистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Ба Шумо ва дар симои Шумо ба тамоми халқи бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати иди байналмилалии Наврӯз табрику таҳният ва орзуҳои беҳтарини инҷонибро ирсол менамоям!



Ин ҷашни наҷиб, ки дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ба таври васеъ таҷлил мешавад, оғози баҳор ва бедории табиат аст. Наврӯз дар таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ байни халқҳо ва фарҳангҳои гуногун нақши калидӣ дорад. Ин ҷашни фархунда рамзи умед буда, ба созандагӣ ва таҳкими ҳиссиёти башардӯстӣ дар ҷаҳон илҳом мебахшад.

Бигзор ин иди фархунда барои Шумо ва тамоми халқи кишвари Шумо бо хушбахтӣ, шодӣ ва муваффақиятҳои нав хотирмон гузарад!».

***Сердар Бердимуҳамедов, Президенти Туркманистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**



Шарафмандам, ки ба Шумо ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯз табрикоти самимӣ ва беҳтарин орзуҳои худро ирсол менамоям!

Иди байналмилалии Наврӯз, ки дар рӯзҳои баробаршавии шабу рӯз таҷлил карда мешавад, аз қадимтарин мероси фарҳангии башарият ба шумор меравад. Ин ҷашни наҷиб, ки решаи ҳазорсолаҳо дорад, на танҳо бедории табиат, балки рамзи эҳтироми ҳамдигар, ҳамзистии осоишта, ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳнатдӯстӣ мебошад.

Бигзор ин ҷашни фархунда барои Шумо ва тамоми мардуми кишвари Шумо сулҳ, шодӣ ва комёбиҳои нав орад!».

***Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов, Пешвои миллии мардуми туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Шодам, ки Шумо ва мардуми бародари Тоҷикистонро бо ҷашни Наврӯз, ки решаҳои амиқи миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дорад, самимона табрик мегӯям.

Ин ҷашн, ки тӯли ҳазорсолаҳо бо илҳом ва шодии бузург таҷлил мешавад, ифодагари бедории замин, зиндашавии табиат ва эҳёи инсоният мебошад. Бигзор қадамҳои Наврӯз муборак бошанд ва ба халқҳои бародари мо беҳбудӣ оваранд!

Итминон дорам, ки шарикии стратегии Озарбойҷон ва Тоҷикистон, ки аз таърихи муштарак ва арзишҳои ғании миллию маънавии мо маншаъ мегирад, бо шарофати заҳматҳои муштараки мо минбаъд низ рушду таҳким хоҳад ёфт.



Дар ин рӯзҳои ҷашнии соҳибқадр ба Шумо саломатии бардавом, саодат ва дар фаъолияти олимақоми давлатиатон комёбиҳои минбаъда ба нафъи Ҷумҳурии бародарии Тоҷикистон ва халқи он орзу дорам».

***Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон***

* * *

**«Ҷаноби оқои Эмомалӣ Раҳмон, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон,**



Фаро расидани Иди саиди бостонии Наврӯз, ҳангомаи рӯиши муҷаддади табиат ва умед ба ояндае неку оғози соли 1404 ҳиҷрии шамсиро (2025) ба Ҷаноби Олӣ ва мардуми азизи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Баҳор нуқтаи эътидоли табиат ва хостгоҳи меҳрубонӣ, ҳамдилӣ ва таровати аст. Умедворам дар соли ҷадид шоҳиди таҳаввуле шигифтангез дар муносиботи ду кишвар ва ҳолу аҳволи зиндагии миллатҳоямон бошем.

Аз Худованди мутаол, саломатӣ ва муваффақияти Ҷаноби Олӣ, беҳрӯзӣ ва шодкомии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин тавсеаи беш аз пеши равобиту ҳамкориҳои кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро орзу дорам».

***Масъуди Пизишкиён, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон***

* * *

**«Ҷаноби Олӣ,**



Бо камоли мамнуният, паём ва таманниёти неки худро ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, наздиконатон ва ба тамоми мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Наврӯз иброз менамоям.

Наврӯз ин қисми гиромидошти таърих ва фарҳанги минтақаи мо мебошад. Наврӯз бо тарғиби арзишҳои умед, ҳамбастагӣ ва ҳамфикрӣ имкон медиҳад, ки риштаҳои дӯстӣ барқарор шаванд. Маҳз дар ҳамин руҳия ман бори дигар таъкид менамоям, ки Покистон барои дар солҳои оянда боз ҳам таҳким бахшидани муносибатҳои бародаронаи мо азму иродаи қавӣ дорад.

Ман сафари худро ба кишвари арҷманди Шумо моҳи июли соли гузашта бо мамнуният ёд мекунам. Ҷаноби Олӣ, дар наздиктарин фурсати муносиб ба Шумо, мехоҳам Шуморо дар Исломобод хайрамақдам гӯям.

Муҳтарам Ҷаноби Олӣ, ғояти эҳтироми олии маро қабул кунед».

***Муҳаммад Шаҳбоз Шариф, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон***

* * *

**«Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу**



Боиси хушнудист, ки Ҷаноби Олиро ба муносибати ҷашни Наврӯз самимона табрику таҳният гуфта, барояшон саломатию саодатмандӣ, ба Ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони бародар пешравӣ ва шукуфоии минбаъдаро орзу намоям.

Дуруд ва қадрдонии маро лутфан бипазиред».

***Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд, Ходими Ҳарамайни Шарифайн, Подшоҳи Подшоҳии Арабистони Саудӣ***

* * *

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**



Шуморо аз номи Котиботи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва шахсан аз номи худам бо фарорасии Наврӯз - яке аз ҷашнҳои қадима, ки фаро расидани баҳорро ифода карда, рамзи зиндагӣ ва талош барои сулҳу осоиштагӣ мебошад ва ҳамоҳангӣ бо табиатро таҷассум намуда, идомаи анъана ва наслҳост, самимона табрик мегӯям!

Мо нақши барҷастаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими амнияти минтақавӣ ва саҳми шахсии Шуморо дар рушди тадриҷии СААД ва таҳкими муносибатҳои ҳампаймонӣ дар доираи СААД баланд арёзбӣ менамоем.

Иҷозат фармоед дар ин рӯзи фархундаи баҳорӣ ба Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, саломатии бардавом ва некуаҳволӣ, инчунин, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу шукуфоӣ орзу намоям!»

***Дабири кулли СААД Имангалӣ Тасмагамбетов***

* * *

**Барқияҳои табрикӣ, ҳамчунин, ворид гардиданд: аз номи Президенти Давлати Фаластин Маҳмуд Аббос, Валиаҳд, Раиси Шурои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд, Дабири кулли Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ Дмитрий Кобитский.**

* * *

**22-юми марти соли 2025 дар идомаи воридшавии барқияҳои наврӯзӣ ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ва Президенти Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган барқияҳои шодбошӣ ворид гардид, ки дар онҳо аз ҷумла, омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Шуморо бо фарорасии иди зебои Наврӯз, ки рамзи эҳёи табиат, оғози марҳилаи нави роҳи зиндагӣ ва боварӣ ба ояндаи беҳтар мебошад, сидқан табрик мегӯям.



Итминон дорам, ки муносибатҳои хайрхоҳонае, ки миёни Беларус ва Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, мутобиқ ба манфиатҳои мардумони давлатҳои мо ба тавсеаи минбаъдаи робитаҳои дуҷонибаамон дар ҳамаи соҳаҳо мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин рӯзҳои ҷашнии хоса таманниёти инҷонибро ҷиҳати сиҳатмандӣ, татбиқи бомуваффақияти нақшаҳо ва сулҳу некуаҳволӣ ба сокинони кишваратон лутфан бипазиред».

***Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Беларус***

* * *

**«Ҷаноби Президент, Бародари азизам,**



Ба муносибати ҷашни Наврӯз, ки табиат эҳё мешавад, замин бедор мешаваду умедҳо месабзанд, табрикоти самимии худро ба Ҷаноби Олӣ ва ба мардуми дӯсту бародари тоҷик мерасонам.

Наврӯз, ки анъанаи чандинасраи мову шумост, василаест барои ин, ки имсол ҳам мо ба аҳамияти сулҳу бародарӣ ва ҳамбастагӣ ёдовар шавем. Аз самими қалб таманно дорам, ки Наврӯз аз даврае муждa хоҳад дод, ки умедҳо ба сулҳи ҷаҳон мешукуфанд ва муколама ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳатҳои нав пайдо мекунанд. Орзуи самимии мо аз ин ҷашни Наврӯз он аст, ки пайвандҳои дӯстиву бародарии амиқи байни кишварҳоямон таҳким ёфта, ҳамкориҳои мо боз ҳам мустаҳкамтар гардад. Дар ин рӯзи пурмазмун ба Ҷаноби Олӣ тансиҳатию хушнудӣ ва ба мардуми дӯсту бародари тоҷик ояндаи пур аз сулҳу оромӣ ва шукуфоӣ таманно дорам».

***Реҷеп Тайип Эрдоган, Президенти Туркия***

* * *

**Воридшавии паём ва барқияҳои шодбошӣ ба унвони Пешвои миллат идома доранд.**

www.prezident.tj

*Дар кучо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН!






**АБДУАЛИМЗОДА Ҳакимбек Абдуалим,**
**ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**

## Довталабони азиз!

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муассисаи таълимии бонуфузест, ки дар фазои таълими кишвар ва берун аз он ҷойгоҳи хоса дорад. Донишгоҳ аз ҷумлаи бонуфузтарин марказҳои илмию таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон саҳми арзанда мегузоранд. Донишгоҳ асосан мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, ҳуқуқ ва IT-технологияҳоро омода месозад.**

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои панҷ бинои таълимӣ, шаш факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва ҳашт кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар донишгоҳ заминаи муосир ва мукаммали моддию техникӣ фароҳам оварда шуда, айни замон донишгоҳ дорои зиёда аз 2100 таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун, марказҳои интернетӣ ва забономӯзӣ, синфхонаҳои компютерӣ, кабинетҳои лингафонӣ, озмоишгоҳи таълимӣ, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, осорхона, бунгоҳи тиббӣ ва маҷмааву майдончаҳои варзиш мебошад. Донишгоҳ дорои беҳтарин хобгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир барои донишҷӯён ва омӯзгорони ватанию хориҷӣ аст.

Таъминоти кадрии раванди таълим аз ҷумлаи масоили марказии такмили сифати таълим ба ҳисоб рафта, айни замон дар донишгоҳ 19 нафар доктор ва профессорон, 128 нафар номзади илм, 216 нафар муаллими калон ва ассистентон, дар маҷмуъ, 363 нафар устодон, ба фаъолияти таълимӣ машғуланд.

Раванди таълим дар донишгоҳ тавассути барномаи автоматикунонидашудаи рақамӣ ба роҳ монда шудааст. Имрӯз теъдоди умумии донишҷӯён зиёда аз 9000 нафарро ташкил медиҳад, ки бо фарогирии дараҷаҳои академӣ, бакалавр, мутахассис ва магистратура ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Таҳсил дар ДДМИТ бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, беҳтарин омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба машғулиятҳои дарсӣ сафарбар гардидаанд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро ба роҳ монда, дар самти таълим, фаъолияти илмию инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, корҳои ташкилию тарбиявӣ ва тавсеаи базаи моддию техникӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла:

- ДДМИТ аз аттестатсияи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, иҷозатнома ва замимаи онро барои фаъолияти минбаъда дарёфт кард.

